**ҚАРОРИ**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар бораи Тартиби аз андоз аз арзиши иловашуда озод намудани мол (кор, хизматрасонӣ)-и аз ҳисоби маблағҳои созишномаҳои қарзӣ (грантӣ) барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ харидашаванда

Мутобиқи моддаи 275 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Тартиби аз андоз аз арзиши иловашуда озод намудани мол (кор, хизматрасонӣ)-и аз ҳисоби маблағҳои созишномаҳои қарзӣ (грантӣ) барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ харидашаванда тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳисобгирии маблағҳои аз андоз аз арзиши иловашуда озодгардидаро аз рӯи таҳвили мол (кор, хизматрасонӣ)-и аз ҳисоби маблағҳои лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ харидашаванда таъмин намояд.
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2013, №211 «Дар бораи Тартиби аз андоз аз арзиши иловашуда озод намудани таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз ҳисоби маблағҳои созишномаҳо маблағгузоришаванда» аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Замима
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_29__»_07_соли 2022, №361

Тартиби аз андоз аз арзиши иловашуда озод намудани
мол (кор, хизматрасонӣ)-и аз ҳисоби маблағҳои созишномаҳои қарзӣ (грантӣ)
барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ харидашаванда

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби аз андоз аз арзиши иловашуда озод намудани мол (кор, хизматрасонӣ)-и аз ҳисоби маблағҳои созишномаҳои қарзӣ (грантӣ) барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ харидашаванда (минбаъд-Тартиб) муқаррарот оид ба аз андоз аз арзиши иловашуда (минбаъд-ААИ) озод намудани таҳвили мол (кор, хизматрасонӣ)-и аз ҳисоби маблағҳои лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ харидашавандаро муайян менамояд.

2. Лоиҳаҳои сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳое мебошанд, ки дар асоси шартномаҳои қарзӣ (грантӣ) оид ба маблағгузорӣ (амалисозӣ)-и онҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва давлатҳои хориҷӣ (ҳукуматҳои давлатҳои хориҷӣ), ташкилотҳои ватанӣ, хориҷӣ ва байналмилалии молиявии аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сармоягузорӣ ба феҳристи лоиҳаҳои сармоягузорӣ воридгардида пешбинӣ гардидаанд.

3. Қарзгирандаҳо (грантгирандаҳо) шахсони ҳуқуқӣ ва ё шахсони тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ваколатдоршудае мебошанд, ки ба онҳо қарз (грант) ба сифати иҷрокунандаи лоиҳаи сармоягузорӣ дода мешавад. Шахсони мазкур барои асоснокии аризаҳои ба таҳвилгари мол (кор, хизматрасонӣ) пешниҳодгардида ва шартномаҳои тибқи муқаррароти Тартиб тасдиқшуда масъуланд.

4. Нисбат ба шахсони зерини дар лоиҳаҳои сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита иштироккунанда озодкунӣ аз пардохти ААИ аз рӯи таҳвили мол (кор, хизматрасонӣ)-и аз ҳисоби маблағҳои созишномаҳои қарзӣ (грантӣ) харидашаванда татбиқ мегардад:

- шахсони ҳуқуқӣ – резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба сифати супорандагони ААИ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андоз ба қайд гирифта шудаанд;
- ғайрирезидентҳо, аз ҷумла онҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муассисаҳои доимии ғайрирезидентҳо фаъолият мекунанд ва ба

сифати супорандагони ААИ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андоз ба қайд гирифта шудаанд.

## 2. ШАРТҲОИ ОЗОДКУНӢ АЗ ПАРДОХТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА

5. Мол (кор, хизматрасонӣ)-и аз ҳисоби маблағҳои созишномаҳои қарзӣ (грантӣ) барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ харидашаванда дар асоси аризаи мақоми ваколатдори дахлдори соҳавии қарзгиранда (грантгиранда) ё шахси ваколатдори он дар сурати иҷро гардидани шартҳои зерин аз ААИ озод карда мешаванд, агар:

- хариди мол (кор, хизматрасонӣ) аз ҳисоби маблағҳои созишномаҳои аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул донисташуда ва (ё) аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда анҷом дода шавад;
- мол (кор, хизматрасонӣ) танҳо барои мақсадҳои дар созишномаҳои мазкур муқарраргардида харида шавад;
- таҳвили мол (кор, хизматрасонӣ) мутобиқи шартномае амалӣ гардад, ки бевосита бо мақоми ваколатдори дахлдори қарзгиранда (грантгиранда) ё шахси ваколатдори онҳо ва ё пудратчии (таҳвилгари) асосӣ ҷиҳати амалисозии лоиҳа ба имзо расонида шудааст.

6. Аз пардохти ААИ озод намудани таҳвили мол (кор, хизматрасонӣ) дар асоси аризаи мақоми ваколатдори дахлдори соҳавии қарзгиранда (грантгиранда) ё шахси ваколатдори онҳо ба таҳвилгари мол (кор, хизматрасонӣ) тибқи шакли дар замимаи 1 Тартиб овардашуда сурат мегирад.

7. Аризаи мақоми ваколатдори дахлдори соҳавии қарзгиранда (грантгиранда) ё шахси ваколатдори он ба таҳвилгари мол (кор, хизматрасонӣ) тавассути системаи ҳамгироии иттилоотии андоз ба таври худкор ва бидуни баррасии мақомоти андоз пешниҳод карда мешавад.

8. Амалиёти шахсони дар банди 4 Тартиб зикргардида, ки ба лоиҳаҳои сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд нест ё шартномаҳои басташудаи шахсони мазкур ба муқаррароти банди 5 Тартиб ҷавобгӯ намебошад, бо ААИ андозбандӣ мегардад.

9. Таҳвили мол (кор, хизматрасонӣ)-и аз ҳисоби маблағҳои созишномаҳои қарзӣ (грантӣ) харидашаванда ва ба муқаррароти Тартиб ҷавобгӯбуда аз ҷониби ғайрирезидентҳои ба сифати супорандаи ААИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифтанашуда бе андозбандии бозгашт сурат мегирад.

10. Агар моли таҳвилшуда, натиҷаи иҷрои кор ё хизматрасоние, ки аз рӯйи онҳо қаблан озодкунӣ аз пардохти ААИ пешниҳод шуда буд, бо сабаби гузаштани муҳлат, қатъ гардидан ё анҷом ёфтани амали аҳдҳо дар ихтиёрдории шахсони дар банди 4 Тартиб зикргардида монанд, аз рӯи чунин боқимондаи мол, натиҷаи иҷрои кор ва хизматрасонӣ аз ҷониби ин шахсон ҳисоб ва пардохти ААИ дар давоми 15 рӯз анҷом дода мешавад.

## 3. ТАРТИБИ НАЗОРАТ ВА БАҲИСОБГИРИИ ШАРТНОМАҲО

11. Мақоми ваколатдори дахлдори соҳавии қарзгиранда (грантгиранда) ё шахси ваколатдори онҳо ҷиҳати аз ААИ озод намудани таҳвили мол (кор, хизматрасонӣ)-и аз ҳисоби маблағҳои созишномаҳои қарзӣ (грантӣ) барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ харидашаванда лоиҳаҳои худро дар системаи ҳамгироии иттилоотии андоз ба ҳисоб мегиранд.

12. Шартномаҳо оид ба таҳвили мол (кор, хизматрасонӣ)-и аз ҳисоби маблағҳои созишномаҳои қарзӣ (грантӣ) харидашаванда (минбаъд-шартномаҳо) бояд аз ҷониби мақоми ваколатдори дахлдори соҳавии қарзгиранда (грантгиранда) ё шахси ваколатдори онҳо ва ё пудратчӣ (таҳвилгар)-и асосӣ тибқи шакли дар замимаи 2 Тартиб овардашуда тасдиқ ва бо тартиб рақамгузорӣ карда шуда, ба ҳисоб гирифта мешаванд. Тасдиқи шартномаҳо аз ҷониби ин шахсон маънои гузоштани муҳр, тамға ва имзои роҳбари аввал (ё муовини ӯ) дар шартнома ва дохил намудани онҳо ба системаи ҳамгироии иттилоотии андозро дорад.

13. Шартномаҳо пас аз анҷоми давраи амалигардии лоиҳа, ки ба мақсади он қарз (грант) ҷудо шудааст, аз тарафи мақоми ваколатдори дахлдори соҳавии қарзгиранда (грантгиранда) ё шахси ваколатдори онҳо ва ё пудратчии (таҳвилгари) асосӣ дар давоми муҳлати даъво нигоҳ дошта мешаванд.

## 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

14. Шахсоне, ки муқаррароти Тартиби мазкурро риоя намекунанд, инчунин имтиёзҳои андозии муқаррарнамудаи Тартибро ғайриқонунӣ истифода мебаранд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Замимаи 1
ба Тартиби аз андоз аз арзиши иловашуда озод намудани мол (кор, хизматрасонӣ)-и аз ҳисоби маблағҳои созишномаҳои қарзӣ (грантӣ) барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ харидашаванда

# АРИЗА

№______аз «____»___________20_____сол

оид ба аз андоз аз арзиши иловашуда озод намудани мол (кор, хизматрасонӣ)-и аз ҳисоби маблағҳои созишномаҳо харидашаванда

## 1. Маълумот дар бораи андозсупорандагон

1 РМА (рақами мушаххаси андозсупоранда)

2 РЯМ (рақами ягонаи мушаххас)

3 Номи пурраи мақоми ваколатдори дахлдори соҳавии қарзгиранда (грантгиранда) ё шахси ваколатдори он

4 РМА

5 РЯМ

6 Пудратчӣ (таҳвилгар)-и асосӣ

7 РМА

8 РЯМ

9 Пудратчӣ

10 Маълумот оид ба шартномае, ки бо мақоми ваколатдори дахлдори қарзгиранда (грантгиранда) ё шахси ваколатдори онҳо ва ё пудратчӣ (таҳвилгар)-и асосӣ ба имзо расонида шудааст.

## 2. Маълумот оид ба лоиҳаи қарзӣ (грантӣ)

11 Номи созишномаи қарзӣ (грантӣ)

## 3. Амалиёти аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод

| | Номгӯйи мол, намуди кор ва хизматрасонӣ | Миқдор | Арзиши умумӣ | Маблағи аз пардохти ААИ озодшуда |
|---|---|---|---|---|
| 12 Тахвили мол | | | | |
| 13 Иҷрои кор | | | | |
| 14 Хизматрасонӣ | | | | |

## 4. Тасдиқи дурустӣ ва пуррагии маълумоти дар аризаи мазкур зикргардида

Мо (ман) барои пуррагӣ ва дурустии маълумоти дар хамин ариза дарҷгардида тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошем (ам).

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!

Роҳбар ________________________________/__________________/
(насаб, ном ва номи падар) (имзо)

Корманди масъул________________________________/__________________/
(насаб, ном ва номи падар) (имзо)

Ҷ.М.

Санаи пешниҳод

рӯз моҳ сол

Замимаи 2
ба Тартиби аз андоз аз арзиши иловашуда озод намудани мол (кор, хизматрасонӣ)-и аз ҳисоби маблағҳои созишномаҳои қарзӣ (грантӣ) барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ харидашаванда

Қарзгиранда (грантгиранда) ё шахси ваколатдодашудаи он
_______________________________________________
(номи шахси ҳуқуқӣ)
РМА _____________________

Номгӯйи аҳдҳо (шартномаҳо, қарордодҳо, созишномаҳо) оид ба таҳвили мол (кор, хизматрасонӣ)-и аз ҳисоби маблағҳои созишномаҳо харидашаванда

_______________________________________________
(номи лоиҳа)

| № р/т | Рақами тартиби мутобиқи Номгӯй | Мақомоти андози таҳвилгар (резидент, ғайрирезидент, намояндагии доимии ғайрирезидент) | Маълумот дар бораи бақайдгирии таҳвилгар ба сифати супорандаи ААИ (рақам ва санаи шаҳодатнома) | Маълумот дар бораи муомилот (амалиёт, қарордод, шартнома, созишнома) | | | | | | | | | Бекор карда шудааст (сана) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Рақам | Сана | Мӯҳлати амал | | Бо кӣ баста шудааст (номи шахси ҳуқуқӣ ва РМА) | Мақсади муомилот (ном ва тавсифи кутоҳ) | Маблағи муомилот | Рақам ва санаи ариза дар хусуси озодкунӣ аз ААИ | Маблағи ААИ озодшуда | |
| | | | | | | аз | то | | | | | | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 |
| | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | |

Роҳбар ________________________________ _____________
(насаб, ном ва номи падар) (имзо)

Корманди масъул ______________________ _____________
(насаб, ном ва номи падар) (имзо)

«___» ________ соли 20___

Ҷ.М.